آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

8 сентябри соли 2021. Чоршанбе

№ 70 (14771)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Интихобот – 2021

## «ДУНЁРО ОБ ЗЕР КУНАД, МУРҒОБИРО ЧӢ ҒАМ?»

***Дар байни махлуқот нирумандтаринаш Инсон аст, зеро ӯ дорои қобилияти фикрронист. Вале ин хусусият метавонад ҳам ба некӯкориву офарандагӣ, ҳам ба харобию вайронкорӣ хидмат намояд. Мазмуни умрро худи инсон ғанӣ мегардонад ё, баръакс, ба муфлисӣ маҳкум месозад.***

Инсон орзуи ба камол расидан, бо ниятҳои неку наҷиб ба сар бурдан, ба қавли Навоӣ, «ғами мардумро ғами худ донистан», ё худ, баръакс, нисбати ҷараёнҳои ҷомеа лоқайд будан ва бо ғами худ ба сар бурданро худ интихоб менамояд. Вале биёед, на аз тарзи ҳаёт, балки аз таъсири роҳи интихобнамудаамон ба муҳити зист биандешем. Одами бефаъолияту майдагап ва хурдагир бо орзуҳои неку наҷиб умр ба сар намебарад. Агар ин кайфиятро ба дигарон низ таҳмил намояд, ҷамъият рӯ ба таназзул хоҳад овард. Ва ин на танҳо фоҷеаи ӯст, балки фоҷеаи ҷамъият низ ҳаст.

Кору амали неки инсонро халқи мо кори савоб мегӯяд, ки он ба маънавияти воло, тафаккури густурда, иқтидори зеҳнӣ ва нуқтаи назари нек иртиботи ногусастанӣ дорад. Дуриву канораҷӯйӣ аз маърифат сабаби муфлисии маънавӣ ва тангии доираи тафаккури инсон мегардад. Чунин инсонҳои доираи тафаккурашон танг, вақте ба ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар кишварамон амалӣ мегарданд, баҳо медиҳанд, бешармона, ба рӯйи дигаргуниҳо лой мезананд, ҳамаро зери тозиёнаи танқид мегиранд.

Таассуф, ки мо аз мутолиаи китоб бозистодем. Ҳазор афсӯс, ки аксарияти ҷавононамон аз мероси аҷдод — хазинаи маънавӣ бебаҳраанд. Ҳол он ки алломаҳои бузурги мо низ дар таълимоти хеш ҳангоми асоснок кардани фикри худ бо такя ба арзишҳои диниву дунёвӣ, дастовардҳои илмӣ, дониш ва таҷриба хулоса баровардаанд. «Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад» фармудааст шоире нисбати аҳли ҷаҳл. Вақте дар шабакаҳои иҷтимоӣ навиштаҳои ҷавонони тангназарро мехонед, мебинед, ки чӣ қадарҳо фикрашон урён аст. Ин бемаърифатӣ то кай идома меёфта бошад?

Ингунаҳо ақаллан боре меандешида бошанд, ки барои чӣ ба дунё омадаанд, ҳукми онҳо ба чаҳорчӯбаи ҳуқуқ то куҷо мегунҷад? Агар инсон ба худ боре ин суолро медод, ба дониш, арзишҳои диниву маънавӣ ва миллӣ такя карда хулоса мебаровард. Дилфарохӣ, мулоҳизакорӣ, инсонпарварӣ, «аввал андеша, баъд гуфтор» барин фазилатҳо хоси мардуми мо мебошад, ки нишонаи тафаккури баланд мебошад.

Ҷамъиятро танҳо дар якҷоягӣ метавон пеш бурд. Ваҳдат, ҳамҷиҳатӣ ва аҳлӣ моро ба кӯйи мақсадҳои неку наҷиб мебарад. Ҳарчанд баландпарвозу забонзад шудааст, бояд фикрепро гӯям: ҳар инсон набояд бо назардошти манфиатҳои худ ба ҷараёнҳое, ки дар ҷамъият рӯй медиҳанд, баҳо диҳад. Шаҳрванди кишвар бояд қарзи маънавию ахлоқии худро дар назди ҷамъият, давлат ва ҳукумате, ки ӯро ба воя расондааст, барои соҳиби касбу ҳунар шуданаш камубеш кӯмак кардааст, амиқ ҳис карда, ба вазъият холисона баҳо диҳад, бо назардошти манфиати ҷамъият, табодули афкор намояд. Мо бояд дар роҳи мақсади ягона —ояндаи дурахшон якҷо ҳаракат кунем.

Амир Темури бузург фармудааст: «... кӯмаку нафъи ту дар баланди мансабу мартаба, тамоми корҳои анҷомдодаат — волотарини ҳаракатҳои туст». Ҳамчунин, шунидаем, ки аз пайғомбар (с.а.в.) суол кардаанд: «Агар Худованд шуморо ба сифати расул барнамегузид, бо чӣ кор машғул мешудед?». Ҷавоб ин будааст: «Хидмати салотинро ихтиёр намуда, ба бандаҳои Ҳақ таоло некӣ мекардам ва нафъам мерасид».

Пас, ҳеч кас ҳақ надорад, ки нисбати дигаргуниҳои бузурге, ки дар ҷамъият рӯй медиҳанд, бефарқ бошад. Ҷамъияти мо дар ҷараёнҳои демократӣ силсилаи дигаргуниҳои куллиро аз сар мегузаронад. Интихобот аз ҷараёнҳои умдатарини демократист. Зеро, ҷараёнест, ки тасмимгирӣ, ҳуқуқи овоздиҳӣ ва мавҷудияти мавқеи воқеии шаҳрвандиамонро ба маъраз мегузорад. Дар ҷамъияти кунунӣ мо ба интихобот аҳамияти вижа медиҳем, зеро хусусияти асосии демократия дар интихобот ошкор мегардад ва одамон барои таъсиргузорӣ ба ҷараёнҳои сиёсии оянда ба номзади сазовор овоз медиҳанд. Ҳифзи демократия барои насли оянда аз вазифаҳои волоест, ки бар дӯши мо гузошта шудааст. Ба ин маънӣ, овоз додан баояндаи мамлакат ҳисси шаҳрвандӣ, эҳтиром ба давлат, гузашта аз он ошкор сохтани масъулияти ватанпарварӣ аст. Зеро интихобот масъулиятест барои оянда. Бояд як ҳақиқати одиро аз ёд набарорем: миллате, киояндаро фикр намекунад, имрӯз ҳам надорад.

Дар таърихи инсоният тӯли ҳазорҳо сол аҳолӣ дар интихоби ҳукмдору роҳбарони худ иштирок карда натавонистааст. Дар таърихи имрӯз дар бисёр мамлакатҳои рушдёфта, аз ҷумла дар Ӯзбекистон, роҳбари давлат бо роҳи овоздиҳӣ интихоб карда мешавад. Ва иштироки ҳар як шаҳрванд дар интихоби роҳбари давлат ҳатмист. Бояд фаромӯш накард, ки мо нафақат Президент — роҳбари давлат, балкиояндаи мамлакат, ҳудуд, донишгоҳ, шаҳрванд ва ҳар як шахсро интихоб менамоем.

Итминони комил дорам, ки ҳар шаҳрванде, ки ба худу мамлакати худ арҷ мегузорад, дар чорабиние, ки тақдируояндаи мамлакатро муайян менамояд, бешубҳа, иштирок менамояд. Барои ба насли оянда сазовор интиқол додани кишвари аз падару бобоён меросмонда, бефарқиро як сӯ гузошта, бояд дар интихобот иштирок намоем.

Онҳое, ки фикр мекунанд: ин сиёсат ба онҳо тааллуқ надорад, овози мо беаҳамияте аст, ба гирду пеш натанҳо кайфияти лоқайдиву хунукназарӣ ва вайронкориро интишор менамоянд, балки худашон бехабар, дар роҳи дигаргуниҳои мусбие, ки дар ҷамъият рӯй медиҳанд, садду монеа мегузоранд. Магар ин кишвар ватани авлоди онҳо низ нест? Фалсафаи одӣ: агар хоҳӣ, ки дунё рӯшан бошад, чароғи хонаатро дар гирон, фармудааст халқамон. Пас, мо набояд масъулияти бар дӯш доштаамонро фаромӯш кунем.

**Меҳрубон АБДУРАҲМОНОВА,**
**мудири кафедраи забонҳои ӯзбек ва руси Донишгоҳи иқтисодиёт ва дипломатияи ҷаҳон, ходими пешбари Институти байналхалқии Осиёи Марказӣ.**

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## «ДАР БОРАИ ЧОРАБИНИҲОИ ИЛОВАГӢ ДОИР БА ДАСТГИРИИ СОҲАҲОИ ХӮРОКИ УМУМӢ ВА САЙЁҲӢ»

Ба мақсади дастгирии беш аз пеши субъектҳои соҳибкорие, ки дар давраи пандемияи коронавирус дар соҳаҳои хӯроки умумию сайёҳӣ фаъолият доранд, ҳамчунин, ба хотири таъмини иҷрои масъалаҳое, ки дар доираи **мулоқоти ошкорои** Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон **20 августи соли 2021** бино ба омӯхтани мушкилоту пешниҳодоти соҳибкорон ва рушди самтҳои асосии соҳибкорӣ дар оянда муайян гардидаанд:

1. Муайян карда шавад, ки **шурӯъ аз 1 сентябри соли 2021**:

**то 31 декабри соли 2021** шахсони ҳуқуқии корхонаҳои хӯроки умумӣ аз андози замине, ки бояд супоранд ва андозе, ки ба молу мулки шахсони ҳуқуқӣ андохта мешавад, озод карда мешаванд;

**то 1 сентябри соли 2023** ҳисобу китоб ва пардохти маблағи сайёҳӣ боздошта мешавад.

2. **Ба корхонаҳои хӯроки умумӣ**, дар ҳоли огоҳонидани мақомоти андоз, бе аризасупорӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ, қарзҳои вуҷуддоштаро, бино ба андозе, ки аз гардиши амвол гирифта мешавад, андозе, ки бояд шахсони ҳуқуқӣ аз замин пардозанд, андозе, ки шахсони ҳуқуқӣ барои молу мулк месупоранд ва маблағҳои ғуншуда, **бо назардошти ҳолати 15 августи соли 2021**, ҳамчунин, ҷаримаю пения аз рӯйи ҳамаи андозҳо **аз 1 январ то 1 июли соли 2022**, фоизҳояшонро паситонда, **дертар бошад ҳам, ба миқдори баробар (тақсим карда) ҳуқуқи пардохтан дода шавад**.

3. Пешниҳоди бонкҳои тиҷоратӣ дар бораи солимгардонии молиявии мизоҷоне, ки дар соҳаи хӯроки умумӣ хидмат мекунанд, бо истифода аз асбобҳои гуногуни хидмати бонкӣ, дастгирии беш аз пеши онҳо маъқул дониста шавад.

4. Вазорати молия **дар муддати як моҳ** бино ба қарори мазкур ба Девони Вазирон лоиҳаи қонунеро пешниҳод созад, ки ворид намудани дигаргуниҳою иловаҳоро ба Кодекси андоз дар назар дорад.

5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷ. А. Қӯчқоров гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 25 августи соли 2021*

*Дар назди ҷамъияти саҳҳомии «Қӯқон механика заводи» Маркази инноватсионии касбомӯзӣ ба кори худ шурӯъ кард.*

*Дастгирии ҳамаҷонибаи корхона ва субъектҳои соҳибкорӣ дар вилояти Фарғона ба лоиҳаҳои ояндадор такон мебахшад. Инро дар мисоли ҷамъияти саҳҳомии «Қӯқон механика заводи» рӯшан метавон дид. Дар ҳоли ҳозир дар ин ҷо беш аз 350 нафар коргар ва муҳандис меҳнат мекунанд. Завод барои саноати нафту газ, саноати кимиё, хоҷагии деҳот ва соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ба омода кардани таҷҳизот ва асбобу ускунаҳои ғайристандартӣ ихтисосонида шудааст.*

*Дар тӯли солҳои истиқлолият як қатор корҳои навсозӣ ба амал татбиқ гардиданд, коркарди маҳсулоти нав аз худ карда шуд. Созмон дода шудани Маркази инноватсионии касбомӯзӣ барои ба касбу ҳунар ҷалб намудани ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меоварад.*




*Дар маросими кушоиши марказ ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров, вазири рушди инноватсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Иброҳим Абдураҳмонов ширкат ҷуста, бо шароити таълимгоҳ шинос шуданд.*

*Дар марказе, ки бино ба нишондоди роҳбари давлат фаъолият оғоз намудааст, аз рӯйи касбҳои механики металл, кафшергар, электромонтёр, дар асоси барномаҳои таълимие, ки ба андозаҳои ҷаҳонӣ ҷавоб медиҳанд, таълим дода мешавад.*

***Дар аксҳо:** дар маркази мазкур.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***





24 ОКТАБР 2021-YIL O‘ZBEKISTON PREZIDENTI SAYLOVI

## МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТ РАВАНДИ ВАСЕЪМИҚЁС

***24 октябри соли 2021 дар мамлакатамон интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба амал меояд. Корҳои ташкил ва баргузории ин чорабинӣ, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мардуми мо нақши муҳим дорад, босуръат идома дорад.***

Аз ҷумла, дар муддати кӯтоҳе, ки Комиссияи марказии интихобот аз оғози маъракаи интихоботӣ хабар дод, пеш аз ҳама, намояндагони ваколатдори панҷ ҳизби сиёсӣ, ки дар майдони сиёсии кишварамон фаъолият пеш мебаранд, ба қайд гирифта шуда, ба онҳо мандатҳо супурда шуданд. Ба ҳизбҳои сиёсӣ барои иштирок намудан дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон иҷозат дода шуда, ба намояндагони ваколатдори онҳо гувоҳномаҳои қайд ва бланкаҳои варақаҳои имзо супурда шуданд.

Рӯйхати ҳизбҳои дар интихобот ширкатдошта дар матбуоти марказӣ бо тартиби навбати қабули аризаҳо эълон гардид. Дар айни ҳол аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳудудҳои мамлакатамон, дар ҷойи кор, хидмат, таҳсил, зисти шаҳрвандон ҷараёни ҷамъ овардани имзои интихобкунандагоне, ки номзадҳоиояндаи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро дастгирӣ мекунанд, идома доранд.

**Дувум**, дар ҳудуди сарҳадҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд бинобар гузаронданӣ интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон 14 ҳавзаи интихоботӣ таъсис дода шуд. Рӯйхати ҳавзаҳои интихоботӣ бо нишон додани сарҳад, шумораи интихобкунандагон ва ҷойи комиссияи ҳавзаи интихоботӣ дар матбуот эълон карда шуд.

Таркиби шахсӣ иборат аз 266 нафар аъзои 14 комиссияи ҳавзаи интихоботӣ оид ба баргузор намудани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон тасдиқ гардид. Барои онҳо мувофиқи «Консепсияи ташкил кардани такмили ихтисоси аъзои комиссияҳои интихоботӣ», ки Комиссияи марказии интихоботӣ тасдиқ намудааст, дар асоси барномаи хониш ва маводҳои хонишиву услубии аз ҷониби корбастҳои иборат аз профессорону омӯзгорони Академияи идоракунии давлатӣ ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд таҳияшуда коршиносони баландмалака семинар-тренинги дурӯза гузаронда шуд.

Машғулотҳои хониш мавзӯъҳоро аз қабили асосҳои конститутсиявию ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ташкил кардани фаъолияти комиссияҳои ҳавзаи интихоботӣ, ваколату вазифаҳои комиссияҳои интихобот, муҷаҳҳаз гардондани бино ва хонаҳои овоздиҳии комиссияҳои интихоботии ҳавзаву қитъа, кор бо рӯйхати интихобкунандагон фаро гирифтаанд.

Дар охири тренинг Комиссияи марказии интихобот ба 266 нафар аъзои комиссияи ҳавзавии интихобот, ки интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро мегузаронанд, шаҳодатнома, мӯҳри комиссияҳои участкавии интихобот ва маҳсулоти канселярӣ супурд.

**Сеюм**, фаъолияти маркази матбуоти Комиссияи марказии интихобот бо мақсади васеъ хабардор намудани ҷомеаи маҳаллӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла интихобкунандагон дар бораи корҳое, ки комиссияҳои интихоботӣ ва дигар ташкилкунандагон анҷом медиҳанд, ба роҳ монда, сомонаи нави «saylov.uz», веб-портали «saylov-2021», замимаи мобилии «saylov-2021», барномаи иттилоотӣ-таҳлилии «Интихобот -2021» ба кор дароварда шуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТ РАВАНДИ ВАСЕЪМИҚЁС

(Аввалаш дар саҳ.1).

757 нафар журналистоне, ки дар Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизиону радиои Ўзбекистон, Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммавии электронии Ўзбекистон, агентиҳои ахбори ЎзРепорт, «Zo'rTV», «Дунё», нашрҳои интернетии «Bugun.uz», «Nova24.uz», «Kun.uz», рўзномаҳои «Халқ сўзи» ва «Народное слово» барин зиёда аз 50 васоити ахбори оммаи маҳаллӣ фаъолият нишон медиҳанд, инчунин 48 нафар журналистон, ки дар ВАО-и Афғонистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Туркия, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Русия, Чин, Эрон ва Озарбойҷон барин давлатҳои хориҷӣ кор мекунанд, номнавис карда шуда, гувоҳномаҳо тақдим гардиданд. Аккредитатсияи намояндагони ВАО идома дорад.

**Чорум**, ба 21 созмони байналмилалӣ, аз ҷумла Ассамблеяи парлумонии САҲА ва Бюрои институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ, СҲШ, СҲИ, Шўрои ҳамкории кишварҳои туркизабон, Ассотсиатсияи ҷаҳонии мақомоти интихоботӣ, 28 мақомоти интихоботии мамлакати хориҷӣ ва 225 нозири байналмилалӣ аз 48 кишвар даъватнома фиристода шуданд.

**Панҷум**, мувофиқи «Консепсияи омўзиши аъзои комиссияҳои интихоботӣ», ки аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот тасдиқ шудааст, марҳилаи чоруми семинарҳои интерактивӣ барои номзадҳо ба раисӣ, муовини раис ва котиби комиссияҳои участкавии интихобот дар вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои мамлакат босуръат давом дорад.

Дар марҳилаи аввали семинарҳои омўзишӣ ба иштирокчиён оид ба дувоздаҳ масъалаи мубрами қонунгузории миллии интихобот ва стандартҳои байналмилалии интихобот дониши назариявӣ дода шуд. Дар марҳилаи дуюм малакаҳои амалӣ дар баробари дониши назариявӣ ташаккул ёфтанд. Марҳилаи сеюм дар шакли «саволу ҷавоби рў ба рўйи мураббӣшунаванда» гузаронида шуда, дониши назариявӣ ва малакаҳои амалии дар марҳилаҳои якум ва дуюм ҳосилшуда мустаҳкам карда шуданд.

Дар марҳилаи чоруми навбатӣ шаш мавзўи муҳимтарини марбут ба коре, ки бевосита аз ҷониби комиссияи участкавии интихобот анҷом дода мешавад, интихоб карда шуда, видеоҳо оид ба ин мавзўъҳо омода карда шуданд. Дар машғулотҳои ин марҳила дар участкаҳои интихоботие, ки донишҳои назариявии азхудкардаашонро ба шакли намунавӣ ташкил кардаанд, ба тамошои видеороликҳо оиди корҳое, ки бояд комиссияи қитъаи интихоботӣ иҷро намояд, эътибори алоҳида дода мешавад.

**Шашум**, дар ҷамъомади навбатии Комиссияи марказии интихобот Низом «Дар бораи тартиби хидматрасонии интерактивӣ оид ба муайян кардан ва иваз кардани участкаи интихобот», ки ба мақсади дар баробари масъалаҳои дигар қулайиҳои зиёд фароҳам овардан ба интихобкунандагон таҳия шудааст, тасдиқ шуд.

Мувофиқи низом, аз хидмати интерфаъол метавонанд, шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки соҳиби манзили зисти доимӣ ё муваққатӣ мебошанд, то рўзи интихобот ё рўзи интихобот ба синни ҳаждаҳ пур шудаанд, истифода баранд.

Интихобкунанда барои ба тарзи электронӣ ҷиҳати муайян кардани қитъаи интихоботӣ истифода бурдан аз хидмати электронӣ дар портали ягонаи хидматҳои давлатии интерактивии Ҷумҳурии Ўзбекистон аз рўйхат гузашта, хидмати муайянкунии қитъаи интихоботиро интихоб мекунад. Ба он серия ва рақами шиносномаи биометрӣ ё ки ID-картаи идентификатсионӣ, ҳамчунин санаи таваллудро ворид мекунад. Сипас маълумоти мазкури интихобкунанда бо маълумоти рўйхати ягонаи электронии овоздиҳандагон, ки дар низоми иттилоотии идоракунии раванди интихобот ташаккул ёфтааст, ба таври худкор тасдиқ карда мешавад. Агар маълумот мувофиқ ояд, ба интихобкунанда дар бораи участкаи интихобот маълумот дода мешавад.

Интихобкунанда ҳангоми маълумотҳо дар бораи қитъаи интихоботии рўйхати ягонаи электронии интихобкунандагони Ҷумҳурии Ўзбекистон бо манзили доимӣ ва муваққатии зисти ў мувофиқ набошад, метавонад қитъаи интихоботиро тағйир диҳад. Тағйир додани қитъаи интихобот метавонад аз шаст рўз то панҷ рўз пеш аз интихобот сурат гирад. Истифодаи хидмати интерактивӣ барои иваз кардани қитъаи интихобот бо пешниҳоди маълумоти ба шахси дигар тааллуқдошта манъ аст. Расондани хидмати интерфаъол оид ба тағйир додани қитъаи интихоботӣ тавассути веб-сомонаи расмии Комиссияи марказии интихоботӣ бо ёрии ҳавола намудан ба портали хидматҳои ягонаи интерактивии давлатӣ сурат мегирад.

Бе розигии интихобкунанда тағйир додани қитъаи интихоботии бо ёрии хидмати интерактивӣ тағйирдодашуда ва ислоҳ ворид намудан ба рўйхати интихобкунандагон мумкин нест. Барои хидмати интерактивӣ ҳеч гуна пардохт ситонида намешавад.

Интихобкунандагоне, ки мехоҳанд аз ин хидмат истифода баранд, метавонанд тавассути қарори Комиссияи марказии интихобот аз 20 августи 2021 №-1101, ки дар сайти «saylov.uz» ҷойгир карда шудааст, бо тартиби истифодаи хидмат муфассал шинос шаванд.

Хулоса, аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ ва ташкилотчиёни дигари ҷараёни интихобот корҳои дар савияи баланд ташкил кардани интихоботи Президент, аз ҳуқуқҳои конститутсиониашон озодона истифода бурдани интихобкунандагон ва васеъ гардондани имкониятҳои ахборгирӣ, ба ҷараёни интихобот самарабахш ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии ахбор ва хидматҳои интерфаъоли давлатӣ давом доранд.

Хабардор будани шаҳрвандон аз корҳои омодагӣ дар ҷараёни маъракаи интихоботӣ ва доираи васеи имкониятҳо барои интихобкунандагон, иштироки фаъолона дар овоздиҳӣ дар рўзи интихобот, истифода бурдан аз ҳуқуқҳои конститутсиониашон ба бардавом шудани ислоҳоти башардўстона дар роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ хидмат мекунад.

**Худоёр МАМАТОВ,**
**раҳбари котиботи Комиссияи марказии интихоботӣ, профессор.**
**ЎзА.**

# ҲАМКОРИИ БОНКИ ИСЛОМИИ РУШД БО ЎЗБЕКИСТОН ВУСЪАТ МЕЁБАД




***Шаҳри Тошканд муддати чаҳор рўз ба маркази дидору мулоқотҳо ва имзокунии санадҳои зиёди ҳамкорӣ мубаддал гардид. Ба он баргузории нишасти солонаи Гурўҳи Бонки исломии рушд, ки 1-4 сентябр дар пойтахти мамлакатамон ба вуқўъ пайваст, чун сабаби асосӣ хидмат намуд. Дар он намояндагони 57 мамлакати дунё ширкат намуданд.***

Дар маросими ифтитоҳи нишасти солонаи бонк Президент Шавкат Мирзиёев ширкат ва суханронӣ кард. Инчунин иштирокчиёни нишасти солона маърўзаи раиси Бонки иломии рушд Муҳаммад Сулаймон ал-Ҷассирро низ шуниданд.

2 сентябр дар чаҳорчўбаи нишасти солонаи Шўрои мудирони Бонки исломии рушд Форуми "Рўзи сектори хусусӣ" баргузор гардид. Форуми мазкур дар платформаи худ ва дар чаҳорчўбаи мулоқотҳои дуҷонибаи B2B ва B2G бештар аз 1000 нафар шахсони расмӣ, намояндагони сиёсӣ, роҳбарони вазоратҳо, идораҳо, палатаи тиҷорату саноат, бизнес-иттиҳодияҳо, намояндагони бизнес ва сармоягузорони хориҷиро аз мамолики аъзои БИР муттаҳид намуд.

Инчунин дар доираи барномаи нишасти солонаи 46-уми Шўрои мудирони БИР гуфтугўйи панелӣ баргузор шуд, ки дар мавзўи "Тағйири парадигми трансформатсияи иқтисодӣ ва тавсеаи имкониятҳо барои қишри камбизоати Ўзбекистон дар давраи баъдиковидӣ" сурат гирифт.

Дарвоқеъ, ҳар як мулоқот ва гуфтугўйи миёни намояндагони БИР ва ҳамкорони он бо натиҷаи хосе анҷом меёфт: созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расиданд, барои сармоягузорӣ намудани лоиҳаҳо корҳо барномарезӣ шуданд.

3 сентябр мувофиқи барномаи нишасти 46-уми БИР бахшида ба баррасии тамоюлҳои кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, таъсири COVID-19 ба иқтисодиёти кишварҳои аъзои БИР, фаъолияти ин бонк барои дастгирии онҳо ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти марбута ба пандемия, гузашта аз ин, стратегияи БИР бароиояндаи наздик суҳбати «мизи мудаввар» ба амал омад.

Он мусоидат намуд, ки оид ба таҳдидҳо ва мушкилоти дорои характери иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои аъзои БИР дар соли гузашта табодули назар карда шаванд. Гуфта шуд, ки инҳо болоравии сатҳи камбизоатӣ ва афзоиши нобаробарӣ ҳам дар кишварҳои алоҳида ва ҳам дар сатҳи байни кишварҳо ва байниминтақавӣ мебошанд.

Дар ҷараёни ҷамъомади сеюми ин нишаст муовини Сарвазир – вазири сармояҳо ва тиҷорати хориҷӣ Сардор Умурзоқов бо вазири молия ва иқтисодиёти миллии Шоҳигарии Баҳрайн шайх Салмон бинни Халифа, вазири молияи Шоҳигарии Арабистони Саъудӣ Муҳаммад ал-аз-Ҷадоан ва вазири хазинаҳо ва молияи Туркия Лутфӣ Элван дидору мулоқотҳо анҷом дод.

Таъкид гардид, ки ҷаласаи солонаи Шўрои мудирони Бонки исломии рушд на танҳо як чорабинии густарда ва доманадорест, ки намояндагони зиёдро аз кишварҳои гуногун гирди ҳам овардааст, балки платформаи музокироти дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин муҳокимаи масъалаҳои муҳими ҳамкории байни кишварҳо низ мебошад.

4 сентябр боз якчанд мулоқотҳои корӣ ва имзои созишномаҳо роҳандозӣ гардиданд. Баъд бо ширкати муовини Сарвазир – вазири сармояҳо ва тиҷорати хориҷӣ Сардор Умурзоқов ва раиси БИР Муҳаммад Сулаймон ал-Ҷассир нишасти матбуотӣ баргузор шуд. Ба гуфтаи С.Умурзоқов мақомоти раҳбарии БИР ва аъзои ҳайатҳо дастаҷамъона эътироф намуданд, ки саҳми Ўзбекистон дар рушди олами ислом хеле беназир мебошад.

– Ба мо имкон дода шуд меҳмонони олимақомро, ки ба намояндагӣ аз бизнес, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявӣ, инчунин сармоягузорони хусусӣ ширкат намуданд, пазироӣ кунем ва як майдони васеи мулоқотҳоро фароҳам оварем, – изҳор кард Сардор Умурзоқов.

Гуфта шуд, ки дар ҷараёни ин нишаст як қатор чорабиниҳои муҳим ва пурмазмун роҳандозӣ шуданд, ки иштирокчиён тавонистанд аз ин чорабиниҳо хеле босамар истифода баранд.

– Иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон низ баёнгари он мебошад, ки ҳамкории мо бо БИР аҳамияти хосаеро касб намуд ва лоиҳаҳои зиёд боз мавриди татбиқ қарор хоҳанд гирифт. Президент Шавкат Мирзиёев дар робита ба доман густардани фаъолияти БИР якчанд пешниҳоди ҷолиброро дар миён гузошт, – гуфт Сардор Умурзоқов.

Инчунин таъкид гардид, ки Ҳукумати Ўзбекистон, Арабистони Саъудӣ ва БИР дар бораи ҳамкорӣ қатънома ба имзо расониданд. Бар асоси он Хазинаи тавсеаи имкониятҳои иқтисодии Ўзбекистон бо сармояи аввалияи 100 миллион доллари амрикоӣ таъсис дода мешавад. Интизор меравад, ки дарояндаи наздик хазинаи он то ба 500 миллион доллар боло хоҳад рафт.

– Тамоми мулоқоту гуфтушунидҳоямонро натиҷагирӣ карда, ба ҳамкор ва бародари худ, раиси БИР, Ҷаноби олӣ Муҳаммад Сулаймон ал-Ҷассир ва роҳбарияти ин бонк ибрози сипосгузорӣ мекунам, ки маҳз барои баргузории нишаст пойтахти Ўзбекистон – шаҳри Тошкандро интихоб намуданд, – гуфт муовини Сарвазири Ўзбекистон. – Муҳимтар аз ин, баргузории ин нишаст ба вақте рост омад, ки мо 30-умин солгарди истиқлолияти Ўзбекистонро ба таври васеъ ҷашн мегирифтем ва, тавре ки дар мо мегўянд, ид болои ид омад.

Раиси БИР Муҳаммад Сулаймон ал-Ҷассир дар нишасти матбуотӣ изҳор кард, ки нутқи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, аълоҳазрат Шавкат Мирзиёев дар маросими ифтитоҳи нишасти 46-уми Шўрои мудирони БИР барояш манбаи илҳом гардид.

– Дар Тошканд моро хеле хуб пазироӣ карданд ва намунаи олии меҳмоннавозиро нишон доданд. Гузашта аз ин, чорабиниҳои изтирорӣ боис гардид, ки нишасти мо дар фазои амну осудагӣ аз бемории куруно гузарад, – гуфт Сулаймон ал-Ҷассир.

– Медонед, дар мулоқотҳо аз ҳамаи мамлакатҳои аъзо 4 ҳазору 100 нафар иштироккунандагон ин ҷо буданд ва аз 27 созмони байналмилалӣ ва минтақавӣ намояндагони ташкилотҳои ҳамкор низ ҳузур доштанд. Ба далели ин имкон фароҳам омад, ки ғояҳои зиёду бамаънӣ ва таклифҳо дар миён гузошта шаванд, фикрҳои ҷолиб иброз гарданд, – гуфт раиси БИР.

Ба таъкиди ў табодули назарҳо дар ин чаҳор рўзи охир донишу маҳорати ҳамаро беш аз пеш афзоишу такмил дод.

– Бояд эътироф намуд, ки пахши КОВИД-19 дар мамлакатҳои аъзои БИР оҳиста коҳиш меёбад. Бо вуҷуди ин, се мавзўи дурнамо дида баромада шуд: суръат бахшидани барқароршавии баъди КОВИД-19, мубориза ба муқобили афзоиши камбизоатӣ, афзоиш додани барқарорӣ ва фаровонӣ, кумаккунӣ ба "ривоҷи сабзи иқтисодӣ" дар мамолики аъзои БИР, – тазаккур дод Муҳаммад Сулаймон ал-Ҷассир.

Тавре ки мавсуф гуфт, хеле хушҳол аст, ки миёни гурўҳи БИР ва даҳ мамлакати аъзои он бо маблағи 1,2 миллиард доллари ИМА 30 созишномаи молиявӣ ба имзо расиданд. Ин маблағҳо соҳаҳои тандурустӣ (ваксинаҳои КОВИД-19), таъмини оби ошомиданӣ ва беҳбуди вазъи санитарӣ, рушди кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика, амнияти хўроквории, молияи исломӣ, бизнеси хурду миёнаро фаро хоҳанд гирифт.

Гуфта шуд, ки аз ин миқдори маблағ 330 миллион доллари ИМА барои манфиатҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон сарф карда мешавад-.Соли 2022 ҷамъомади солонаи БИР дар Миср баргузор мегардад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори "Овози тоҷик".**

## ПАХТА–2021



## Нақша иҷро шуд

***Заршиносони хоҷагии фермерии «Исломбобо – 2000» на фақат дар ноҳияи Шофиркон, балки дар вилоят аввалин шуда нақшаи солонаи ба давлат супоридани пахтаро бомуваффақият иҷро карданд.***

Гуфтан ҷоиз аст, ки деҳқонони асил аввали фасли баҳор дар 20 гектар майдон пахта корида ўҳдадор шуда буданд, ки ба давлат 60 тонна ашёи хоми гаронбаҳо месупоранд. Бо ин мақсад онҳо ба парвариши ниҳолҳо эътибори алоҳида дода, ҳосили фаровон рўёнданд. Ниҳоят мавсими пахтачинӣ оғоз ёфту 320 нафар чинакчиён, ки дар чор отряд муттаҳид шудаанд, дар давоми ду рўз бо ғайрат меҳнат карда, 61,5 тонна ҳосилро ҷамъ оварданд. Ҳамин тариқ, пахтакорони ҳимматбаланд 4 сентябр ба аҳди худ вафо карданд. Дар пахтазори хоҷагӣ ҳосил бисёр аст ва ҷараёни ғунучин давом дорад.

## Биноҳои нави прокуратура




***Ноҳияи Когон. Дар арафаи 30-солагии истиқлолияти мамлакат дар ин ҷо бинои нави прокуратура ба истифода супурда шуд.***

Ин иморати зеборо бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Kogon qurilish montaj ta'mir» мувофиқи андозаҳои байналхалқӣ бунёд карданд ва он бо ҷиҳозҳои зарурии замонавӣ муҷаҳҳаз гардонда шудааст. Дар ин бино баробари кормандони прокуратураи ноҳия шўъбаҳои шаҳрию ноҳиявии Бюрои иҷрои маҷбурӣ ва бахши ноҳиявии Департамент низ фаъолият нишон медиҳад. Дар маросими тантанавии ба истифодасупории бино ҳокими вилоят Б. Зарипов иштирок карда ҷамъомадагонро бо 30-юмин солгарди истиқлолияти мамлакат муборакбод намуд.

***

***Ноҳияи Бухоро. Худи ҳамон рўз дар ин ҷо низ маросими ба истифода супурдани бинои нави шуъбаи ноҳиявии Бюрои иҷрои маҷбурӣ ва шуъбаи ноҳиявии Департамент ба амал омад.***

Дар он роҳбарони секторҳо, кормандони ҳокимият ва прокуратура, мутасаддиёни соҳа иштирок намуданд. Ҳокими вилоят Б. Зарипов кормандони соҳаро бо фароҳамоии имконияти қулай табрик кард.

Бояд таъкид намуд, ки ин биноро сохтмончиёни корхонаи саҳҳомии «Галаосиёсохтмон» (роҳбараш Шавкат Аббосов) бо ҳавсалаи том бунёд карда, омодаи истифодабарӣ намуданд. Иштироккунандагони тадбир имкониятҳои фароҳамовардашударо аз назар гузаронда, ба бинокорони он миннатдорӣ изҳор карданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### Таълим оғоз ёфт

***Дар оғози моҳи август Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ оиди омодагӣ ба соли хониши 2021-2022 ва дар мактабҳо давом намудани дарсҳо дар шакли гибрид хабар дода буд.***

Инак, дар таълимгоҳҳо таълим дар шакли анъанавӣ оғоз ёфт. Фақат дар мактабҳое, ки бинобар бо коронавирус дучороии толибилмон ё хонандагон муваққатан пўшида шудаанд, тарзи масофавии таълим ҷорӣ ва барои ин гуна дабистонҳо теледарсҳо ба роҳ гузошта мешаванд.

Машғулот дар муассисаҳои таълими олӣ низ оғоз ёфт. Донишҷўёни соли аввал тўли як ҳафта ба шароити таълим шинос мешаванд. Аз 13 сентябр бошад, мувофиқи нақшаи таълимӣ машғулот оғоз меёбад. Дар ҳафтаи аввали шиносоӣ, ки таъкид ёфт, донишҷўён ба мазмуну моҳияти сохтори кредит-модул дар ҷараёни таълим, тартибу интизоми дохилӣ ва дигар ахбори муҳим фаро гирифта мешаванд.

Курсҳои болоӣ бошанд, аз 6 сентябр машғулотро ба тартиби умумӣ сар карданд.

### Шароити замонавии толори нави парвозҳо

***Дар аэропорти байналхалқии «Тошканд» бинобар кушода шудани толори нави фурудгоҳ чорабинӣ баргузор гардид.***

Ҷонишини раиси Uzbekistan airports Ҷ.Умархўҷаев таъкид сохт, минтақаи мазкур ёздаҳуним ҳазор метри квадратӣ майдонро фаро гирифтааст. Дар як соат ба 600 нафар мусофир хидмат расондан мумкин.

Давраи дувуми навсозии толори парвозҳо аз моҳи октябри соли равон то моҳи апрели соли 2022 давом хоҳад кард, гуфта шуд дар чорабинӣ.

Бо иштироки экспертҳои хориҷӣ гузаронидани тренингҳо ба нақша гирифта шудааст. Мақсад баланд бардоштани маҳорати ходимон, беҳсозии сифати хидматрасонӣ ба шаҳрвандон.

Лоиҳа оиди дигаргунсозиҳо дар аэропорт дар асоси қарори Президент Ш.Мирзиёев аз 21 апрели соли равон «Дар бораи чораҳои трансформатсия ва дастгиринамоии корхонаҳои авиатсияи шаҳрвандӣ» ба амал бароварда мешавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Акси садо*

# ДОНИШМАНДЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРД

***Дар рўзҳои аввали моҳи сентябр дар шаҳри Тошканд ҷамъомади навбатии Шўрои сарварони Бонки рушди исломӣ баргузор шуд. Дар он намояндагони вазорат ва шахсони расмӣ аз 57 мамлакати узви шўро, масъулини вазорату идораҳои гуногуни кишвар иштирок карданд.***

Сарвари давлатамон дар рўзи дуюми ҷамъомад иштирок ва баромад кард ва аз ҷумла гуфт:

– Маълум, ки Ўзбекистон 18 сол пеш аз ин узви Бонки рушди исломӣ гардида буд. Дар айни ҳол таърихи робитаҳои кишвари мо бо олами ислом зиёда аз ҳазор солро ташкил медиҳад. Ўзбекистон дар тўли асрҳо яке аз марказҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, илму фан, фарҳанги нодир ва бузурги исломӣ маҳсуб меёфт. Дар Мовароуннаҳр донишмандоне ба воя расидаанд, ки ба рушди тамаддуни башарӣ ва фарҳанги волои дунёи ислом саҳми босазо гузоштаанд. Донишманди бузурги бухороӣ – Имом Аҳмад ибни Ҳафси Кабири Бухорӣ ва шогирдони ў – Имом ал-Бухорӣ ва Имом ат-Тирмизӣ асосҳои илмиву назарии фалсафаи исломро ба вуҷуд оварданд. Аз ин рў, Бухорои Шариф дар олами ислом бо номи «Қуббат-ул-ислом», яъне «Гунбади дини ислом» машҳур гардид.

Имрўз мо хостем, аз хидматҳое, ки Имом Абуҳафси Кабир дар роҳи рушди дини мубинамон анҷом додааст, ёд кунем.

Абуҳафс Кабири Бухорӣ яке аз фақеҳони мазҳаби ҳанафӣ буда, дар манбаъҳои таърихӣ бо номи «Шайхи Мовароуннаҳр», «Фақеҳи машриқ», «Фақеҳи донишманд» қайд гардидааст. Устоди аввалини ў Исмоил ибни Иброҳим (падари муҳаддиси бузург – Имом ал-Бухорӣ) буд. Абуҳафс дар ҳафтсолагӣ Қуръони каримро пурра азхуд карда буд.

Дертар ба Бағдод, ки он замон пойтахти илму фарҳанги ислом маҳсуб меёфт, рафта, аз Имом Муҳаммад ибни Ҳасан аш-Шайбонӣ, ки устоди ў асосгузори мазҳаби ҳанафӣ Абуҳанифа Нўъмон ибни Собит – Имоми Аъзам (699-767) буд, илми фиқҳро омўхт.

Муаррихи асри X Муҳаммади Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» овардааст, ки Имом Ҳафси Кабир ва писари ў Имом Ҳафси Сағир аз асосгузорони таълимоти Ҳанафия дар Мовароуннаҳр буданд.

Бино бар он, ки дар мазҳаби ҳанафӣ урфу одат ва анъанаҳои миллии мардум бештар ба эътибор гирифта мешавад ва қонунҳои динӣ дар он нисбатан муътадил аст, дар олами ислом бештар паҳн гардидааст. Ҳоло қариб нисфи мусалмонони дунё ба ин мазҳаб эътиқод доранд.

Абуҳафси Кабир дар Бухорои Шариф мадраса ва масҷидҳои зиёд бунёд намуд, ба шогирдон илми фиқҳ, ҳадис, тасаввуф ва ақидаро омўхт. Тавре ки Наршахӣ ишора кардааст, Абуҳафс дар замони худ шуҳратманд гардида буд, ҳатто олимони араб агар дар масъалае душворӣ мекашиданд, барои ҳаллу фасли он нафареро ба назди ў мефиристоданд.

Дар яке аз ривоятҳо оварда шудааст, ки чашмони Имом Бухорӣ дар овони бачагӣ нобино шуда буд. Модар фарзандашро барои дуо ба назди Абуҳафси Кабир меорад. Абуҳафс ба назди модар шарте мегузорад: «Ман писаратро дуо мекунам, ба шарте, ки баъди рўшан гаштани чашмони ў худат ўро «ман писарамро ба роҳи Худо ҳадя мекунам» гўён дуо мекунӣ». Модар розӣ шуд ва дуои Абуҳафс иҷобат гардид. Абуҳафси Кабир ба муҳаддиси оянда мударрисӣ низ кардааст.

Яке аз устодони Абуҳафс – Абулҳасани Нурӣ ва дертар худи ў бо ҷамъоварии ҳадисҳои саҳеҳ машғул шудаанд. Аз он ки дар он замон дар байни мазҳабҳои динӣ талошҳо кам нубуданд, ба илми фиқҳ талаб зиёд буд. Абуҳафс бо илми фиқҳ машғул шуд ва Муҳаммад ибни Исмоилро ба ҷамъоварии ҳадисҳои саҳеҳ даъват кард... Инак, даъват ва хидматҳои Абуҳафси Кабир буд, ки Муҳаммад ибни Исмоил суханони ҳикматомези пайғомбарамон Муҳаммад (с.а.в) – ҳадисҳоро ҷамъ оварда ва ба муҳаддиси бузург – Имом ал-Бухорӣ, ки тамоми мусулмонони дунё эътироф мекунанд, табдил ёфт.

Абуҳафси Кабир соли 832 (217-уми ҳиҷрӣ) дар шаҳри Бухоро вафот кардааст. Ўро дар қабристони Дарвозаи Нав, ки ҳоло бо номи Ҳазрати Имом машҳур аст, дафн кардаанд. Хокҷойи ў имрўз ба яке аз зиёратгоҳҳо табдил ёфтааст.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**докторанти Донишкадаи шарқшиносии АУ Ўзбекистон.**

*Муносибат*

# ИСТИҚЛОЛ БАРОИ МО БОЛУ ПАР БАХШИД

***Аз рўзҳои нахустини истиқлолият, дар мамлакатамон ба омўзиши илм, машғул бо варзиш ва соҳибкорӣ барои мо ҷавонон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.***

Дар панҷ соли охир қабул ба мактабҳои олӣ се баробар зиёд шуд. Миқдори мактабҳои олӣ ба 141 адад расонида, филиали 26 муассисаи таълими олии хориҷӣ боз гардид. Ҳанўз соли 2016-ум миқдори мактаби олӣ дар ҷумҳурӣ 77-торо ташкил медод. Дар муддати кўтоҳ ин нишондод қариб ду баробар афзуд.

Ҷавонони мо дар олимпиадаҳои фаннӣ ва мусобиқаҳои бонуфузи варзишӣ бомуваффақият иштирок карда, ба нишондодҳои назаррас ноил мегарданд.

Соли ҷорӣ мукофотонидани иштирокчиёни олимпиадаи Токио-2020 ва олимпиадаи байналхалқии фанҳоро ба таври васеъ ташкил намуданд. Ин бори дигар аз он дарак медиҳад, ки дар кишварамон ба ҷавонон чӣ гуна эътибор ва ғамхорӣ зоҳир карда мешавад.

Сарвари давлатамон зимни суҳбат бо сармуҳаррири рўзномаи «Янги Ўзбекистон» оид ба ҷавонон чунин суханонро эрод намуд: «Ҷавонон такягоҳ ва пуштбони халқамон мебошанд. Барои самарабахш ба амал татбиқ сохтани ислоҳоти васеъмиқёс онҳо чун нерўи ҳалкунанда ба майдон мебароянд. Маҳз писарону духтарони дорои дониш, касбу ҳунар, донандагони хуби технологияи инноватсионӣ ва забонҳои хориҷӣ ба беш аз пеш инкишоф додани мамлакат саҳми муносиб доранд».

Суханони ба мо нигаронидашудаи сарвари давлат, мо – ҷавононро руҳбаланд месозад ва бароямон қувваи дучанд мебахшад.

**Маҳлиё БОҚИЕВА,**
**донишҷўйи Донишгоҳи миллии Ўзбекистон.**

**Ба муносибати 30-юмин солгарди истиқлолият**

# ХОКИ ВАТАН АЗ ТАХТИ СУЛАЙМОН ХУШТАР

***Ба муносибати 30-юмин солгарди истиқлолияти Ватани маҳбуб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои Самарқанд тадбири маънавӣ-маърифатии «Дидорбинии се насл» баргузор мегарданд. Чунин анҷумани бошукӯҳ дар ноҳияи тоҷикнишини Самарқанд хотирнишин гузашт.***
***Дар асоси таклифи ходими масъули ҳокимият Саид Мардонов аз 74 гузару маҳаллаи ноҳия вакилони се авлод дар маркази маҳаллаи Хоҷа Аҳрори Валӣ ҷамъ омаданд ва дар асоси хатсайр ҳозирон нахуст масҷиди ҷомеъи яке аз пешвоёни тариқати Нақшбандия Хоҷа Убайдуллоҳ Аҳрори Валиро зиёрат карданд.***

– Шукри Худо, ки бо сиёсати хирадмандонаи сарвари давлатамон боз ба дину диёнатамон баргаштем, – иброз дошт собиқадори меҳнат ҳоҷӣ Аслам Ҳошимов, – мо мӯйсафедон гашти пирӣ ронда намозамон канда нест. Рӯйи ҷойнамоз нишаста, шукронаи замон мекунем ва даст ба дуо бардошта аз Парвардигор рӯзгори фаровон, осмони мусаффо, баракоти кори деҳқонону тадбиркоронро мепурсем. Таманнои ман дар асоси даъвати пешвоёни тариқати Нақшбандия «Дил ба ёру даст ба кор» бояд шавад. Зеро меҳнат – асоси фароғату некӯаҳволӣ.

Сипас, иштирокчиёни тадбир дар кушодашавии супермаркети «Фаровон» ширкат варзиданд, ки дар маҳаллаи ба номи Мирзо Улуғбек воқеъ аст. Ба муносибати тантанавор дари худро боз намудани кошонаи савдо базми бошукӯҳ ба вуқӯъ пайваст. Як гурӯҳ санъаткорон бо сурудҳои дилошӯб ба иштирокчиёни тадбир ғизои маънавӣ бахшиданд.

– Дар пештахтаҳои растаи савдо маҳсулоти гуногуни зарурӣ гузошта шуд, ки барои рӯзгор зарур аст, – гуфт таъсисгари он Аслам Фаттозода, – аз ҳама муҳимаш, маҳсулот арзон, хушсифат ва бозоргир ҳастанд. Боз 120 нафар ҷавонон ба кори фоиданок ҷалб шуданд.

Сонӣ сӯйи деҳаи Гулбоғ раҳсипор шуданд. Пас аз чанд дақиқа нақлиёт дар назди бинои хушсохти замонавии зебо қарор гирифт.

– Дар замони шӯравӣ маҳз дар ҳамин ҷо идораи хоҷагии ҷамоатии ба номи Куйбишев ҷойгир буд, – иттилоъ дод амини деҳа Озод Ҳамидзода, – бо гузашти айём иншоот харобу фарсуда шуд. Тадбиркори маърифатпарвар Зафарҷон Зайниддинов бо салоҳдиди ҳокимият ва идораҳои дахлдор минтақаи мазкурро харид ва бинои мактаби нави хусусӣ бунёд кард. Вай барои ба муроди дил расидан аз давлат 2,3 миллиард сӯм қарз гирифту таълимгоҳро бо ускунаҳои замонавӣ таъмин намуд. Ҳоло 180 нафар фарзандони гузару деҳоти атроф ба хондан қабул шуданд. Дарсҳо ба забони тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва англисӣ ҷараён мегиранд. Шахсан худам чанд китоби ба забони тоҷикӣ иншогардидаро, ки дар Тошканд, Душанбе, Хуҷанд чоп шудаанд, ҳадя намудам, ки насли наврас аз таронаҳои халқӣ ва афсонаҳои халқи тоҷик баҳра баранд. Умед аст, ки дар «Камолот» писаракону духтаракон дар рӯҳи замон ба камол мерасанд.

Меҳмонон, баъди боздиди мактаби нави Ӯзбекистони нав, барои сайру саёҳати деҳаи хушҳавои Оҳалик азми сафар намуда, болои роҳ дар боғи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Мароқанд агроинвест» таваққуф намуданд.

– Мо дар 28 гектар замин ниҳолҳои себ, нок, гелос ва шафтолуро парвариш мекунем, – гуфт асосгузори он Фурқатҷон Ҳамидов, – аллакай боғ ба ҳосил даромад. Бо парвариши дарахтҳои меванок 25 нафар занону духтарон, ки дар ҳаёт хато карда ҷазо гирифтаанд, бо меҳнати ҳалол ислоҳ мешаванд. Барои кору истироҳати бонувон тамоми шароит муҳайё шудааст. Ҳоло боғ ҳосил меоварад ва ба бозорҳои Самарқанд ирсол менамоем.

Иштироккунандагон бо роҳи васеъ, мумфарш ва равон рӯ ба ҷониби кӯҳсор оварданд. Дар автобуси мо, ки аксарият вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ буданд, ҳокими ноҳия Носир Мавлонов доир ба бунёдкориҳои солҳои охир маълумот дод.

– Дар арафаи ташрифи шумоён роҳи асосии «Самарқанд – Оҳалик» баъди 40 сол боз пурра мумфарш гардид, – аз ба атроф зеҳн мондани мо рамз гирифта лаб ба сухан кушод роҳбаладамон Носир Мамарасулович, – дар қаламрави ноҳия 930 километр роҳ вуҷуд дорад. Дар арафаи иди истиқлол 120 километр таъмир шуд, ки як қисми онро шоҳроҳи «Самарқанд – Оҳалик» ташкил мекунад. Дар урфият «азоби роҳ – азоби гӯр» мегӯянд. Ана акнун мардуми кӯҳсор бидуни заҳмату азият ба Самарқанд омаду рафт мекунанд. Ниятамон фосила ба фосила тамоми роҳҳои ноҳияро ба тартиб овардан аст.

Мо саргарми суҳбат ба истироҳатгоҳи «Ситора» расидем, ки дар бағали кӯҳ ҷойгир буда, насими форам, оби тезу шаффофи дарёча ба кас ҳаловат бахшид.

– Самарқанди бостонӣ аз азал меҳрофарину дилнишин аст, – таъкид намуд муаллими мактаби рақами 43-юми деҳаи Боғитилло Мурод Маъдӣ, ки беш аз 50 сол ба фарзандони мардум аз фанни забони модарӣ ва адабиёт сабақ медиҳад, – бар замми ин диёри биҳиштосои офтобӣ, ки табиати нотакрор дорад. Ман ба шогирдон такрор ба такрор мегӯям, ки Ватан ягона ва муқаддас аст ва байтҳоро дар ситоиши кишвар қироат мекунам:

*Хоки Ватан аз тахти Сулаймон*
*хуштар,*
*Хори Ватан аз лолаву райҳон*
*хуштар.*

Ана барои чӣ сарвати бебаҳо, ифтихори мо – Ӯзбекистони соҳибистиқлол ҷаннати рӯйи замин аст. Вазифаи омӯзгорон бошад, аз кӯдакӣ фарзандонро дар рӯҳи ватандӯстӣ, инсонгарӣ, садоқат ба зодгоҳи маҳбуб таълиму тарбия додан аст. Зеро:

*Ватанро бинозам,*
*маро дар канор,*
*Чу модар гирифту намуд*
*бахтиёр...*

Тамошогоҳи навбатӣ маҳаллаи Конигил буд, ки таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Корхонаи хусусии «Конигил-мерос», ки асосгузораш Зариф Мухторов буда, ҷамоаи ӯ бо истеҳсоли коғази қадимаи Самарқанд машғул аст, ба меҳмонон таассуроти калон гузошт.

– Бо дастгирии ташкилоти бонуфуз ЮНЕСКО бо ускунаҳои бобоӣ – обҷувоз ба истеҳсоли коғаз пардохтем, – гуфт Зариф Мухторов, – қариб як гектар майдонро ба тасарруфи худ гирифта, соҳибкории хусусиро ба роҳ мондем. Қариб ҳар рӯз аз кишвар ва мамлакатҳои хориҷӣ гурӯҳ-гурӯҳ меҳмонон ташриф фармуда, бо ҷараёни истеҳсоли коғаз шинос мешаванд. Ҳозир аз навдаи дарахти тут коғаз истеҳсол намуда, ҳар гуна маҳсулоти бозоргир тайёр карда, ба савдо мегузорем, ки мардум бо ҳавас харид мекунанд. Дар оянда яке аз манзилҳои асосии сайрхати сайёҳон корхонаи мо хоҳад шуд. Мақсад – ба меҳмонон ба чӣ қодир будани аҷдоди моро намоиш додан.

Баъди боздиди сохтмони шаҳраки навбунёди «Samarkand City» бинои нави маҳаллаи Қӯштамғалӣ ва бозори «Агрологистика» барои иштирокчиёни тадбир дар гузари Андиҷонӣ дастархон боз шуд. Ҳокими ноҳия Носир Мавлонов ба як гурӯҳ фаъолон «Ифтихорнома» супурд.

Навозандагону сарояндагон бо савту навои дилнишин ғизои маънавӣ бахшиданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

**Ба муносибати 75-солагии нависандаи маҳбуб Адаш Истад**

# ШОИРИ ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ САМАРҚАНД



Ёдам нест, ки Адаш Истад замони донишҷӯиаш шеър мегуфт ё не. Вале он рӯзгор ва алҳол низ метавонам гувоҳӣ диҳам, ки Адаш аз оғоз табъи шоирӣ дошт.

Ашъори Адаш Истад аз солҳои дуҳазорум сар карда, дар нашрияҳи Самарқанд ва "Овози тоҷик" ба чоп расидаанд. Соли 2007 дар Душанбе маҷмӯаи ӯ нашр шуд, ки як қисми он аз шеърҳояш иборат аст.

Осори Адашро метавон таърихномаи манзуми шаҳри бостонии Самарқанд унвон кард. Ҳамчунон ки Ғ. Маҳмудов мушоҳида кардааст, "пеш аз Адаш Истад дар бораи Самарқанд шеърҳои зиёде гуфтаанд, аммо, мутаассифона аксар аз тавсиф дур нарафтаанд. Шеъри озод имкон додааст, ки Адаш Истад ба мавзӯъи Самарқанд мушаххасан муроҷиат кунад ва образҳои тоза биофарад. Манораҳоро аломати хитоб ва мадрасаҳои Регистонро киштии ба рег нишаста гуфтан гапи нав аст".

Яке аз беҳтарин шеърҳои шоир қасидаи "Самарқанду Бухоро" мебошад, ки Адаш онро ба устоди зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ бахшидааст. Ин шеър баҳонае будааст, ки шоир чашми тафаҳҳус ба гузаштаи Ватани фарҳангиаш андозад. Бинобар ин шеър оганда аз ҳасрати меҳанпарастона бар гузаштаи шукӯҳманди Самарқанд ва ифтихороти фарҳангии он аст. Ҳасрате, ки шеър огандаи он аст, шоирро лаҳзае ҳам раҳо намекунад, зеро гузаштаи Самарқанд пур аз рифоҳ, ифтихорот, осоиш ва асбоби сарбаландиҳост.

Ифтихор ва умед муҳраи маънавии ин шеър буда, хулосаи шоир дар сатрҳои зер ифода ёфтааст:

*Бухорою Самарқандам ба дасташ*
*оташи ҷовид,*
*Чароғи раҳнамое дар шабистон*
*метавон гуфтан.*
*Ба каф ҷо(м) нақши Хайём андар ин*
*шаҳр мегардад,*
*Ва ин дуро зиёратгоҳи риндон*
*метавон гуфтан.*
*Ба марзи донишу фарҳангу авҷи*
*сарбаландиҳо,*
*Ҳимолою Бадахшону Тиёншон метавон*
*гуфтан.*
*Даригӯянд дар ҷаннат ҳама ҳуру париён*
*ҳам,*
*Ва ин дуро суханзори париён метавон*
*гуфтан.*
*Самарқанду Бухоро каъбаи хоки*
*Хуросонанд,*
*Ва ҳар дуро ду чашми поки Яздон*
*метавон гуфтан.*

Шеърҳои Адаш Истад ҷуғрофиёи дирӯз ва имрӯзи Самарқандро дар худ ғунҷонда, аз таърих ва фарҳанги он ба мо қисса мекунанд, қиссаи шоирона ва армонӣ. Яке аз ҳамин гуна шеърҳои шоир, ки "Ҳавзи Хоҷа Аҳрор" ном дорад, сурат ва сирати маънавии як гӯшаи табиати Самарқандро дар худ ғунҷондааст. Шеър тарҷумаҳолӣ буда, пайванди ҷисмонӣ ва маънавии шоирро бо гузашта ва имрӯзу фардои як гӯшаи диёраш таъйид мекунад. Вале маънии аслии шеър дар андешаҳо ва тасвирҳои рамзӣ пинҳон аст. Суоли поёни шеър:

*Шумо аз ҳавзи*
*нопайдои пурасрор,*
*ки ӯро ном бошад*
*Хоҷаи Аҳро(р),*
хабар доред?!

ва ҳикмати пири тариқат – "дил ба ёру даст ба кор" хонандаи огоҳро барои дарёфт ва шинохти маънии аслии шеър ҳидоят мекунад. Муроди шоир аз тавсифи ашё – ҳавз худро дар ашё ва ашёро дар худ дидан аст, яъне дарёфт ва шинохти "баландиҳои руҳи поки садҳо аз бузургон", ки омили аслии бақои ашё ва инсон низ ҳаст.

Шеъри Адаш Истад "Ҳавзи Хоҷа Аҳрор" таъкид бар он дорад, ки ҳамаи ашё нисбат ба инсон бадан аст ва инсони комил ҷони ҳамаи ашёст. Хулосаи саҳеҳи шоир ин аст, ки кулли ашё, аз ҷумла Ҳавзи Хоҷа Аҳрор низ ба инсон робитаи маънавӣ дорад.

Адаш Истад дар ин шеър ва баъзе шеърҳои дигараш навъе ҳолати орифона ба худ мегирад ва гоҳо аз худ бехуд мешавад дар паҳнои бекаронагии ашё. Дар ин ҳол ӯ ориферо мемонад, ки ба ҷои маъбуд мехоҳад ба ашё пайванд шавад ва сар ба саҷда ниҳад дар маъбади ашё ва инсонҳо.

Шеъри муосири тоҷик дар тӯли анқариб як асри охир аз ирфон фосила гирифт. Дигар маъниҳои "ишқи ҳақиқӣ" ва "ишқи маҷозӣ" на ба ҳама дастрас аст. Пораҳои шеъри ирфонӣ, ки Алиасғари Шеърдӯст дар эҷодиёти баъзе шоирон мушоҳида кардааст, вусъати тафаккури ирфонӣ надоранд.

Дар мисоли шеъри зикршуда метавон таъкид кард, ки дили Адаш Истад ба ҳама мавҷудоти табиат ғояти наздикӣ ба Ҳақ дорад. Бинобар ин ҳам шоир таъкид бар он дорад, ки ҳамаи ҷузъиёт, ки ба асли худ бозмегардад, ваҳдати ҳамон мавҷудотро нишон медиҳад. Пас, дар ин роҳ шоир ва хонандааш низ солике ҳастанд, ки барои шинохти ҳамин ваҳдат мекӯшанд, тариқати расидан ба мабдаи аслро тай карда, усули расидан ба камолоти ҷисмониву маънавиро дармеёбанд.

Камолоти маънавиву ҷисмонӣ ва дарки амиқи моҳияти иҷтимоиву фарҳангии воқеияти рӯзгор ва ахлоқи иҷтимоъ бе худошиносиву худшиносӣ ғайри имкон аст. Адаш Истад аз ҳамин роҳ ба дарки ҳаводиси таърихӣ ва фарҳангӣ ва шинохту тафсири бадеии он даст ёфта ва аксаран муваффақ ҳам шудааст. Шеърҳои "Рӯъёи таърих", "Суруди тоҷикӣ деврони ман аст", "Сайқал", "Шоҳигарии абадӣ", "Аз Регистон мегузаштам" ва ғайра аз ҳамин гуна осори пурарзиши ӯянд. Агар ӯ диди амиқ, камолоти маънавию ҷисмонӣ ва ҳофизаи солими таърихиву миллӣ намедошт, дар шеъри "Рӯъёи таърихӣ" моҳияти зиддиинсонӣ ва фарҳангкушӣ "Замони зоғҳои сиёҳ, Замони даҳшат, шоҳигарии ваҳшат"-ро, ки мутаассифона ҷузъи сарнавишти таърихӣ ва фарҳангии халқи мост, ба ин сароҳат дар шеъраш инъикос карда наметавонист.

(Давомаш дар саҳ.4). ⇨

**Муносибат**

# ӮЗБЕКИСТОН – ХОНАИ УМЕДИ МО

***Президент Шавкат Мирзиёев дар мусоҳибаи худ бо сармуҳаррири рӯзномаи «Янги Ӯзбекистон» таъкид мекунад, ки «Ӯзбекистони нав – ин давлатест, ки мақсади асосии он таъмини ҳаёти озод, некаҳвол ва фаровони халқи бисёрмиллати мо мебошад. Ин давлатест, ки ба таври қатъӣ, мутобиқи меъёрҳои аз ҷониби умум дар соҳаи демократия, ҳуқуқу озодиҳои инсон эътирофшуда, ки ба принсипҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҷомеаи байналмилалӣ асос ёфтааст, рушд мекунад».***

Дар ҳақиқат, дар кишвари биҳиштмонанди мо бобати бунёди Ӯзбекистони нав чораҳои муҳим андешида шуда, ки корҳои молики аҳамияти таърихӣ иҷро мешаванд. Набояд фаромӯш кард, ки ин ҳама самари истиқлолияти кишвар аст.

Истиқлоли Ӯзбекистон рамзи давлатдории миллӣ аст ва оянда дурахшони халқи кишвар, намояндагони беш аз 100 миллате, ки дар ин диёр умр ба сар мебаранд, аз ин ганҷина вобастагӣ дорад. Боиси эътироф аст, ки 30 сол муқаддам таҳкурсии Истиқлол гузошта шуд ва инак тӯли ин солҳо Ӯзбекистонро ҷаҳониён ҳамчун давлати соҳибистиқлол эътироф менамоянд.

Имсол мо 30-юмин солгарди истиқлолияти Ватанро ҷашн мегирем. Мебинем, ки дар ин байн истиқлол бо пайки хеш нуру зиё, меҳру вафо, ободию озодӣ ва осоиштагиву абадиятро ба Ӯзбекистони азиз овардааст. Бартар аз ҳама, меҳру муҳаббати байни намояндагони миллатҳо, ки дар ин сарзамини фирдавсмонанд истиқомат доранд, мустаҳкам шуд.

Имрӯз дар фазои истиқлол ва сулҳу субот кулли ӯзбекистониён сарбаландона, якдилона, ҳамҷиҳат, аз як гиребон сар бароварда ҳаёт ба сар мебаранд. Дар партави ин неъмати бузург дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, илм, маориф, иқтисодиёт, фарҳанг, варзиш ва дигар соҳаҳо ислоҳоти васеъ амалӣ мегарданд.

Бояд гуфт, ки Стратегияи ҳаракатҳо доир ба панҷ самти устувори рушди Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 имрӯз дастури асосии кори ҳама гуна мақомот ва муассисаҳои давлатӣ гардид, ташаббусҳои нек, ислоҳоти бузург ва иқдомҳои наҷибро пару бол мебахшад. Дар асоси панҷ тамоили муҳиме, ки дар Стратегияи ҳаракатҳо оварда шудааст, ҷомеа равнақ ёфт, осоиштагӣ ва фаровонии рӯзгори мардум таъмин гардид.

Ба шарофати истиқлол обрӯву эътибори Ӯзбекистон дар арсаи байналмилалӣ боло рафта, имрӯз кишвари моро аксар давлатҳо чун шарики стратегӣ мешиносанду ҳамкорӣ менамоянд. Бахусус, робита бо кишварҳои ҳамсояву ҳаммарз ба зинаи нав баромад, мустаҳкамтар гардид ва доираи ҳамкориҳо васеъ шуд. Мо самараи ин ҳамкориҳоро натанҳо дар соҳаи иқтисодиёт, балки дар дигар соҳаҳо низ, бахусус дар соҳаи фарҳанг мушоҳида карда метавонем.

Имрӯз Ӯзбекистон роҳи тараққиёти худро интихоб кард ва ба гуфти Сарвари давлат «Ин аз самтҳои устувори сиёсати дурандешона, прагматик ва халқии Президент ва командаи ӯст, ки онро бо ҳамроҳии халқамон, албатта то охираш мерасонем, роҳи бозгашт нест».

Аз ин рӯ, қарзи шаҳрвандии ҳар яки мост, ки баҳри боз ҳам рушд ёфтани кишвари азизамон ва боло рафтани мақоми он дар арсаи ҷаҳонӣ саъю кӯшиш намоем.

Хулоса, истиқлолияти давлатӣ орзуи ҳар як шахсеро, ки дар Ӯзбекистон зиндагӣ мекунад, иҷобат намуда, зиндагиамонро ширин ва қалбҳоямонро ба фардои неку устувор умедвор мекунад. Мо бояд чун аъзои як оилаи бузург, Ӯзбекистонро хонаи умеди худ дониста, дар якҷоягӣ баҳри ҳифзу пойдорӣ, рушду нумӯъ, тинҷиву осоиштагии кишвар кӯшиш намуда, дар пешрафти кишварамон саҳми арзанда гузорем.

**Акбар МАҲМУДОВ,**
**раиси Маркази миллӣ-мадании тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд.**



*Дар татбиқи Барномаи давлатии «Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ» Кумитаи иттифоқи касабаи ҶС «Ӯзбеккӯмир» ва филиалҳои он дар маҳалҳо фаъолона иштирок менамоянд.*

*Хусусан, дар масъалаҳои беҳсозии шароити зисти аъзои иттифоқи касаба дар сохтор, пурзӯрсозии пуштбонии иҷтимоии авлоди калонсол, занону духтарон ва ҷавонон, ташкили истироҳати онҳо дар сиҳатгоҳ ва хонаҳои истироҳатӣ, боз ҳам оммависозии варзиш, рушди сайёҳӣ ва ҳоказо корҳои муҳим ба амал бароварда мешаванд.*

*Чунончи, 119 нафар ходимон, ки дар филиалҳои ҷамъият меҳнат мекунанд, чанде пеш ба саёҳати шаҳри Тошканд баромаданд. Сафар ба Бухоро, ташкили намоишҳои сирк ба фарзандони аъзои иттифоқи касаба, ташкили барномаҳои консертӣ барои ходимон таассуротангез сурат гирифт.*

***Дар сурат:** лаҳза аз мукофотонидани ходимони пешқадам.*

***Суратгир: Даврон АҲМАД.***

**БАРНОМАИ «ДЕҲАИ ОБОД» — ДАР АМАЛ**

# БО СУРЪАТИ БАЛАНД

***Аз рӯйи иҷрои Барномаи давлатии «Деҳаи обод» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Яккатоми ноҳияамон низ корҳои сохтмону таъмир ва бунёдкориҳову ободониҳо бо суръати баланд давом мекунанд.***

Бинои нави ҷамоати шаҳрвандони маҳалла аз рӯи шарикии хусусию давлати қад рост мекунад. Дар сохтмони бинои нави маҳалла, майдони футбол, ки барои футболбозон ҳамаи қулайиҳо фароҳам оварда мешавад, бинокорони гулдаст таҳти сарвари Нуриддин Меҳмонов бо ғайрати дучанд меҳнат мекунанд.

Ҳоло корҳои пардоздиҳию рангуборкуниро ба роҳ мемонем. Мақсадамон бинои ҷамоати шаҳрвандони маҳалла ва дигар корҳои сохтмону ободониро зудтар ба сомон расонда, ба 30-солагии истиқлолияти мамлакатамон онҳоро чун тӯҳфаи идона супурдан аст, мегӯяд сардор Нуриддин Меҳмонов.

Дар кӯчаҳои Қазоқтӯпӣ, Мустақиллик ва Ахсии маҳалла таъминоти қувваи барқ мувофиқи талаб набуд. Барои беҳтар гардонидани таъминоти барқи кӯчаҳои номбурда 218 миллион сӯм ҷудо карда шудааст. Аз тарафи кормандони корхонаи таъминоти барқи ноҳия қисми асосии корҳо ба иҷро мерасанд.

– Алҳол 51-то симчӯбҳои нави симинтӣ гузашта шудааст, – гуфт устоди барқи шӯъбаи модеренизатсияи корхонаи таъминоти барқи ноҳия Ҷалолиддин Усмонов. – Дар кӯчаи Ҷомеъи маҳалла трансформатори нав гузашта шуд. Инчунин, барои чароғҳои шабонаи кӯчаҳо маблағ ҷудо кард шудааст.

Мактаби таълими ҳамагонии рақами 29-уми ноҳия, ки дар ҳудуди маҳалла воқеъ аст, таъмирталаб буд. Барои таъмири мукаммали он қариб 3 милиард сӯм ҷудо карда шудааст.

Таълимгоҳе, ки 745 нафар хонандагон таълим ва тарбия мегиранд, бинобар таъмиру тармим ҳусни дучанд пайдо мекунад. Аз ин хурсандии падару модарон, омӯзгорону мураббиён ва хонандагони мактаб ҳадду канор надорад.

**Зоҳидахон КЕНҶАЕВА,**
**роҳбари хидмати ахбори ҳокимияти ноҳия Тӯрақӯрғон вилояти Наманган.**

***Дар саросари мамлакати соҳибистиқлоламон ҷашну тантанаҳои идона ба шарафи 30-юмин солгарди истиқлолият беш аз пеш доман фарох намуданд. Яке аз чунин ҷашнҳои бошукӯҳ бо ташаббуси Вазорати энергетика ва дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти саҳҳомии "Нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ" зери шиори "Дар Ӯзбекистони нав озод ва фаровон зиндагӣ кунем!" дар даромадгоҳи "Нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ"-и Тӯрақӯрғони вилояти Намангон баргузор гардид.***



# БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ БАХШИДА ШУД

Даромадгоҳи ин нерӯгоҳ бо шиору навиштаҷоти "Истиқлолияти кишварамон абадӣ бод!", "Мо ҷавонони фараҳманди диёри Ӯзбекистони мустақилем!", "Дар мустаҳкам намудани истиқлолияти Ватани худ саҳми худро мегузорем!" ва парчами Ӯзбекистон аз ҳарвақта намуди зеборо касб мекард. Ҳар як иштирокчии он бо либоси хоси идона, ки нерӯгоҳи барқи ҳароратии Тӯрақӯрғон танзим карда буд, мавҷи хурсандиҳоро боз ҳам меафзуданд. Аз саҳнаи хеле хуб ороёфта ҳарзамон суханҳои акскунандаи 30-юмин солгарди истиқлолияти кишвар ва шодбахшу хотирмон садо медоданд ва онро иштирокчиёни чорабинӣ бо шавқу шӯр ва дасткӯбиҳо истиқбол мегирифтанд..

– Ин чорабинии идона бар асоси қарори сарвари давлат "Дар бораи омодагирӣ ва дар сатҳи баланд баргузор намудани ҷашни сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон" ба вуқӯъ пайваст. Дар он ҷавонони зиёд аз вилоят ва соири вилоятҳои дигар мушорикат мекунанд,– гуфт раиси мудирони Ҷамъияти саҳҳомии "Нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ" Фарҳод Абдураҳмонов.

Вай афзуд, ки бо роҳандозии чунин як тантана онҳо ба ҷавонон нишон медиҳанд, ки бо ташаббуси Президент дар ноҳияи Тӯрақӯрғон як иншооти калони нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст.

– Дар вилояти Намангон низ ба роҳ мондани корҳои сохтмони манзил ва таъмини қишрҳои гуногуни аҳолӣ бо манзил хеле хуб вусъат ёфтааст. Дар ин замина бо ташаббуси Вазорати энергетика дар доираи ин форум ҷиҳати таъмини иҷрои қарорҳои сарвари давлатамон "Дар бораи чораву тадбирҳои ҷорӣ намудани низоми нав барои аз ҷониби давлат пуштибонӣ намудани кӯдакони аз падару модар маҳрумгашта" ва "Дар бораи чорабиниҳои беҳтар намудани сифати хизматҳои тиббӣ-иҷтимоӣ барои шахсони маълӯл" аз 9 августи соли 2021 чаҳор нафар кӯдакони аз падару модар маҳрум ва оилаҳои дорои кӯдакони маълул чаҳор хона супурда шуд,– изҳор кард Фарҳод Абдураҳмонов.

Гуфта шуд, ки ин маҷмӯаи хонаҳои истиқоматӣ дар доираи сармояҳое бунёд гардидааст, ки барои сохтмони Нерӯгоҳи барқи ҳароратии Тӯрақӯрғон ихтисос дода шудаанд.

Нуктаи дигаре, ки қайди он ҷоиз аст, дар муддати панҷ сол маблағи шартномаи 20 нафар ҷавонон аз тарафи шабакаҳои бахши энергетикӣ пардохта мешавад. Онҳо баъди таҳсил ба ин корхонаҳо баргашта, ба ҳайси мутахассис фаъолияти худро ба роҳ хоҳанд монд.

Дар чаҳорчӯби ин чорабинӣ аз рӯи футбол, тенниси рӯи миз ва бозии шоҳмот, инчунин доир ба таъмини бехатарии сӯхтор ва расонидани кумакҳои аввалияи тиббӣ якчанд мусобиқаи варзишӣ ва маҳорати касбӣ ташкил карда шуданд. Ғолибони он бо дипломҳо ва тухфаҳои хотиравӣ сазовор гардиданд.

Форум бо намоиши суруду тарона ва рақсҳои ҷолиби овозхонҳои маъруф ва дастаҳои ҳунарӣ ҳусни хотима ёфт.

**Муҳаммадҷон БЕКМУҲАММЕДОВ,**
**котиби матбуоти "Нерӯгоҳҳои барқи ҳароратӣ".**



*Дар баробари мактабҳои дигари ҷумҳурӣ дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 43-юми ноҳияи Бӯка низ 6 сентябр — Рӯзи дониш васеъ ҷашн гирифта шуд. Дар ин чорабинӣ, ки таҳти шиори “Дар Ўзбекистони нав озодона ва фаровон зиндагӣ кунем!” роҳандозӣ гардид, падару модарон, омӯзгорон ва хонандагони мактаб иштирок доштанд. Дар тадбири мазкур наврасон-хонандагоне, ки қадами нахустини худро ба мактаб мегузоранд, бо туҳфаҳои Президент аз ҷониби раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Навобод” ва роҳбарияти мактаб тақдир карда шуданд.*

***Дар сурат**: лавҳа аз чорабинии мазкур.*

***Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА***

# ТАҲСИЛИ НАВИ ШУМО МУБОРАК!

Бо оғоз шудани соли таҳсили нав дабистонҳои таълими умумӣ донишандӯзони синну соли гуногунро боз ба бар гирифтанд. Биноҳои таълимӣ баъди таъмир намуди дилкаш ба худ гирифтаанд. Айни замон синфхонаҳое мавҷуд бинобар нигоҳубини хуб тавре ба назар мерасанд, ки ҳамин ҳоло аз таъмир баромадаанд. Сару либос, ҷузвдону ашёҳои хониш нав, рӯҳият – идона, эҳсоси хушиба пазмонӣ монанд дар қалбҳо бедор. Ҳама якдигарро ба муносибати оғози соли хониш муборакбод менамоянд.

*Эй булбулакони боғи дониш,*
*Шодона таронаҳо муборак.*
*Боз омадааст фасли хониш,*
*Таҳсили нави шумо муборак!*

Инак, дар қатори мактабиён 821 нафар толибилмони дабистони мо соли хониши нави 2021-2022-ро бо рӯҳбаландӣ оғоз намуданд. Ба онҳо 52 нафар муаллимон аз фанҳои гуногун таълим медиҳанд, ки дар байнашон чаҳор нафар «Аълочии таълими халқи Ўзбекистон» ҳастанд.

Соли хонише, ки сипарӣ гашт, барои ҷамоаи меҳнатии мо то андозае соли лабрез аз муваффақиятҳо буд. Мактабамон аз рӯи панҷ номгӯ (иқтидори зеҳнии донишандӯзон, иштирок дар олимпиадаҳои фаннӣ, дохил шудани хатмкардагон ба муассисаҳои таълими олӣ, давомоти хонандагон ва чорабиниҳои берун азсинфию беруназмактабӣ) дар рейтинги ноҳиявӣ ғолибият ба даст овард.

Дар роҳи ба зинаҳои баланди таълимӣ баровардани хонандагон муаллимони фидоию ташаббускор аз ҷумлаи Эркиной Султонова ва Санҷар Ҳисомов (забон ва адабиёти тоҷик), Абдухалил Холбоев (забони англисӣ), Шоҳид Мухторов (математика), Шоҳсанам Ҷонибекова (кимё), Гулбаҳор Шодиева ва Нодира Мирзоева (синфҳои ибтидоӣ), Содир Муродов (забони русӣ) аз таҳти дил ҳаракат мекунанд. Панҷ нафар омӯзгоронамон дорои тоифаи олианд.

Аз сентябри соли 2020 дабистони мо ба соҳаи технологияи иттилоотӣ махсусонида шуд. Омӯзгори хушсалиқа Ҷ. Насриддинов устоди касби хеш буда, нозукиҳои кор бо компутер ва дигар навъҳои воситаҳои техникии таълимро ба хонандагон меомӯзонад. Толибилмони мо амиқ дарк кардаанд бе комёбиҳои технологияи иттилоотӣ илму таълими замонавиро ривоҷ бахшидан имконнопазир аст. Гузаштанамон ба баҳогузории электронӣ аз рӯи сайти «Kundalik.com», татбиқи сохтори байналхалқии баҳогузорӣ натиҷаҳои хуб мебахшад.

Корҳои иттиҳодияи методӣ аз рӯи ҳамаи фанҳо дар вақташ мегузаранд. Дар ҷамъомадҳои он асосан савияи дарсҳои кушод, ки мувофиқи график гузаронда мешаванд, мавриди муҳокима қарор мегиранд. Муаллимоне, ки дарсҳои хушсифати кушод ташкил намуда ва дар ҳар ҷабҳа ба дигарон намунаанд, бо мукофот ва иловапулиҳо рағбатманд карда мешаванд.

Аз рӯи панҷ ташаббусе, ки роҳбари давлати мо пеш гузоштааст, дар мактаби мо маҷмӯи корҳо самаранок пеш бурда мешаванд. Ба корҳои берун аз синфию беруназмактабӣ, ки муттасил мегузаранд, омӯзгори тоифаи олӣ Ҳасанҷон Ҳасанов роҳбарӣ менамояд. Бо ташаббуси китобдор ва омӯзгорони пешқадами забон ва адабиёти мактаб дар соли хониши сипаришуда ёдбуди чанд адибони тоҷик ва ўзбекро гузаронидем. Аз чорабинии фарҳангӣ-маънавие, ки таҳти мавзӯи «Аҷдоди бузургамон – барои мо ибрат» сурат гирифт, ҳозирин таассуроти хуб бардоштанд. Дар он хидматчиёни қисми ҳарбии 92-08 низ иштирок намуданд. Аз ҷониби аскарон ва хонандагони синфҳои болоии мактаб машқҳои ҳарбӣ ва ҷисмонӣ намоиш дода шуданд.

Дар соли хониши нав ният дорем ин гуна чорабиниҳоро бо савияи баландтар ташкил намоем, бо шахсиятҳои номдор ва пешқадамони истеҳсолот вохӯриҳо гузаронем, экскурсияҳои таълимӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ мазмуни тоза касб намоянд.

Вазифаи асосии мо – додани тарбияи хуб ва мусаллаҳсозии толибилмонамон бо асосҳои дониши замонавӣ. Имсол 9 нафар хатмкардагонамон ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуданд. Омӯзгороне, ки бо маълумоти миёнаи махсус кор мекарданд, ҳама ба шуъбаҳои ғоибонаи даргоҳҳои таълими олӣ дохил шуданд. Бо соҳиби диплом шудани онҳо ҷамоаи меҳнатиамонро пурра маълумоти олидорҳо ташкил хоҳанд намуд.

Як норасоӣ ҳаст дар мо, он ҳам бошад, вуҷуд надоштани толори варзишии замонавӣ. Дар ин хусус ба идораҳои дахлдор маълум кардаем. Ин масъала зудтар ҳалли худ меёфт, нур болои нур мегашт.

**Ф. МИРЗОЕВ,**
**директори мактаби миёнаи рақами 2-юми ноҳияи Сӯх.**

*МИНБАРИ ТАРҒИБОТЧӢ*

# БА МАКТАБҲО ҲАМ МЕҲМОН ШАВЕД!

Ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ медонам, ки ба мактаб агар ягон нафар меҳмон ташриф оварад, хонандагон ба ӯ зеҳн мемонанд ва донистан мехоҳанд, ки ба чӣ мақсад омадааст. Рафту агар меҳмон шоир ва ё нависанда бошад, ҳавас мекунанд, ки мисли ӯ шаванд. Боз медонам, ки солҳои пеш шоиру нависандагон, олимону пажӯҳишгарон зуд-зуд ба деҳаҳо ва мактабҳо сафарҳои эҷодӣ созмон медоданд. Бо одамони соҳиби касбу кори гуногун суҳбату мулоқотҳо мекарданд. Фолклоршиносон гӯишҳои мардумӣ ҷамъоварӣ менамуданд. Он адибон қаноатпеша буданд магар, ки сафарҳои эҷодӣ ҳафтаҳо тӯл мекашидааст. Ба обу ними нон қаноат мекарданд, аз афташ, ки дар бораи онҳо дар дили мардум хотироти нек ва ҳангомаҳои дилнишин боқӣ мондааст. Академики Академияи улуми Тоҷикистон Аҳрор Мухторови муаррих, Баҳром Шермуҳаммадови фолклоршинос (ҳардуро равонашон шод бод!) ва дигарон қариб ба ҳамаи деҳоти тоҷикнишини силсилакӯҳҳои Нурато ташриф овардаанд.

Солҳои охир ин анъанаи нек як андоза фаромӯш гардид. Фақат ба поси хотири дусе тан суханварони бузург устодон Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат аз шаҳри Тошканд устодон Паймон, Абдулло Субҳон, аз шаҳри Гулистон шоир ва нависанда Мунаввар Пардаев, Даврони Ҷаббор, Пайғом (Тӯхтамиш Боқиев)-ҳо ба деҳаи Ӯхм омада бо хонандагони мактабҳои ноҳияи Фориш ва Нурато мушоираҳо ташкил доданд. Ҳамзамон адиби самарқандӣ Маҳбуба Неъматзода ба мактабҳои деҳаҳои Эҷу Синтаб ташриф оварда буд. Ин вохӯриҳо ба мактабиён бешак руҳи тоза бахшид. Ба ёд мерасад, ки устод Турсунзода ҳангоми вохурӣ бо ҷавонони шеърпараст Лоиқро бо қироати шеъри «Ба модарам» мепазирад ва ба узвияти Иттиҳоди нависандагон қабул мекунад.

Моҳи январи соли ҷорӣ сарвари давлат мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев зимни ҷамъомади видеоселекторӣ ба қишри калони аҳолӣ мурочиат намуда гуфта буд, ки пешрафти ҷомеа ба ду омил: иқтисодиёт ва маънавиёт вобастагии қавӣ дорад. Агар иқтисодиёт ҷисми ҷомеа бошад, пас маънавият рӯҳи он аст.

Баъдтар, яъне 26-уми марти соли ҷорӣ Қарори Президент «Дар бораи чораҳои куллан такмил додани сохтори корҳои маънавӣ-маърифатӣ» ба имзо расид. Дар асоси ин қарор Маркази маънавияту тарғиботи ҷумҳурӣ, Вазорати таълими халқ, Иттифоқи нависандагон, Иттиҳоди эҷодии журналистон қарори муштарак «Дар бораи дар мактабҳо ҷорӣ намудани вазифаи тарғиботгар оид ба масъалаҳои эҷодӣ-фарҳангӣ» баровარданд.

Ҳоло дар мактабҳо вазифаи мазкур ҷорӣ гардидааст ва рӯи об баровардану ба сайқалёбии истеъдодҳои нав кӯмак расондан аз вазифаҳои асосии ӯ ба шумор меравад. Танҳо дар вилояти Ҷиззах беш аз панҷсад мактаби миёна ҳаст.

Имрӯз вақти он расидааст, ки мо барои кашфи истеъдодҳои нав кӯшиш кунем. Аз шоиру нависандагон хоҳиш ба амал меоварем, ки ба ҳузури мактабиён зуд-зуд ташриф оварда, ба дарди дили онҳо гӯш ниҳанд. Эҳтимол ғунчаҳои ҳанӯз ношкуфтаи истеъдод ниҳон аст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# САЛОМ, МАКТАБ!



Чун ҳамасола пас аз ҷашни аз ҳама бузург ва аз ҳама азиз - Истиқлолияти давлатии мамлакат 6 сентябр дар тамоми мактабҳои таълими ҳамагониву миёнаи махсус ва олии кишвар соли хониши нави 2021-2022 оғоз ёфт. Он рӯз хонандагон ва донишҷӯён боз ба дидори ҳамдигар расиданд ва бо мақсадҳои нек дастҷамъона соли нави хонишро оғоз карданд.

Хурсандии наврасоне, ки қадами аввалини худро ба синфи 1-ум гузоштанд, ҳадду канор надошт. Чунин хурсандиро дар саҳни мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 34-уми деҳаи тоҷикнишини Сентоби ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё низ мушоҳида кардан мумкин буд. Дар ҳавлии мактаб хонандагон ва омӯзгорони дабистон ҷамъ омадаанд. Пас аз суханронӣ ва табрикоти омӯзгорону роҳбарияти мактаб аз ҷониби хонандагони синфи 1-ум «занги аввал» садо дод. Истиқлолият, сулҳ, осоишу оромӣ, Ватан ва ватандӯстӣ аз мавзӯъҳои асосии дарси аввал буд.

– Дар соли нави хониш 38 нафар хонанда ба синфи 1-ум қабул гардид. Ба онҳо аз ҷониби шӯъбаи таълими халқи ноҳия тӯҳфаи Президент супорида шуд. Дарвоқеъ, солӣ ҷорӣ аз 37 нафар довталабони мактаб 7 нафар хонанда ба донишкадаҳои мамлакат дохил шуданд, – гуфт ҷонишини директор доир ба корҳои маънавию маърифатии мактаб Олим Худойбердиев. – Соли хониши 2021-2022 дар мактаби мо ҷамъ 497 нафар хонанда таҳсил мегиранд, ба онҳо 78 нафар омӯзгор таълиму тарбия медиҳанд. Фикр мекунам, соли хониши ҷорӣ низ мувофиқи нақша идома хоҳад кард.

Дар замони тараққиёти илму техника мувофиқи барномаҳои такмилёфтаи хониш ба насли наврас таълиму тарбия додан, тайёр намудани кадрҳои соҳибмалака аз вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар ҷумҳурӣ дар ҷараёни таълиму тарбия ба татбиқ намудани маводҳои мултимедӣ ва технологияи навтарини ахбор, нав кардани мазмуни таълим ва барномаҳои хониш, баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва ғайра эътибори алоҳида дода мешавад. Дар ин бобат қонунҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи таълим» ва «Дар бораи Барномаи миллии тайёр кардани кадрҳо» нақши алоҳида мебозанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ*

# ШОИРИ ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ САМАРҚАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ин шеър фаҷоеъи фарҳангии замони хосро, ки дасти таарруз ба номуси маънавию суннатии мардум дароз карда буд, ба василаи тасвири ҳоловар ба сурати таъсиргузор фош месозад, ки хеле муассир ҳам ҳаст. Шоири худшиносу худошинос аз он ки “Регистони пир бе шайху шоиру пир” монд, “Шоир-муллоҳо дар табъид – дар Сибир”-анд ва “Қуръонро дар ҷилди Ҳофиз бо худ бурдаанд”, ранҷ мебарад. Вале қаҳрамони лирикии шеър, ки меросбари содиқ ва миллатпарасти фидокор аст, ноумед нест, балки саҳнаро холӣ намебинад, зеро онҳое, ки “бо дастони аз сармо карахт дар ҷангали Сибир мебуриданд дарахт”, Ҳофизро дар ҷилди Қуръон ба” ӯ супурдаанд. Ин меросбари содиқ ва фидокор аз он ки “ягон азонгӯй намонда буд ва мурғи ҳақгӯй низ” ранҷ мебарад “ва занҷири қулфи дари манорро” гусаста, худ “аз сари манор” азон мегӯяд” аз мағзи ҷон”, “бо дили сӯзон”, ”ба забони тоҷикии булбулӣ.” Дар ин ҳол:

*Одамон лолу ҳайрон,*
*Онҳо садои булбулонро*
*фаромӯш кардаанд,*
*Танҳо дарахти урёну манорҳои*
*бесар ба салот истодаанд.*
*Вале як хурӯсак садои*
*азонро шунид,*
*Ва бо садои ноҳамгун*
*пайравӣ намуд.*
*Барои ҷеғи нобаҳангом*
*хурӯсакро куштанд,*
*Маро девона гумон карда аз*
*регистон ронданд.*
*Маро дигар ҳамовозе нест,*
*Ҳампарвозе нест.*
*Вале дарахтони боғистони*
*Регистон,*
*Навои азони булбулиро бовар*
*кардаанд.*
*Ва дар он чиллаи зимистон,*
*Рӯзи дигар ҳама бишкуфтанд,*
*Либоси арӯсӣ ба бар карданд.*
*Оре!*
*Ҳастанд ононе, ки ба ин сармо*
*туф кардаанд!*

Вале шоири фарҳангпарвару ҳуввиятхоҳ аз канори ин фаҷоеъ наметавонад бепарво бигзарад. Ранҷ мекашад ва бисёр мехоҳад ба ҳар қимате бошад, гузаштаро ҳифз кунад, дирӯзи нурборро бозгардонад ва фардои эҳёгарро бо ормонҳои созанда қарини дилу руҳи ҳаммиллатонаш гардонад. Шоири миллатдӯсту эҳёгар дар қоби андешаҳояш ба фаросӯи таърих меравад ва суруди тоҷикиро деврони худ медонад, ба умеди раҳоӣ аз чанги девон. Бо хаёли раҳоӣ аз нобудӣ Самарқанди қандмандро дар хобу бедориаш пай мезанад, “Самарқанд”-ро сайқал” мезанад ва яқин мекунад, ки

*Ин вожа зинда аст,*
*Ба мисли кӯдакак аст.*

Сайқалгариаш “Меҳрубониву навозиш аст, молишу ситоиш аст.” Шеър бо мисраъҳои ормоние хатм мешавад, ки ҳисси ҳар хонандаи худшиносу миллатдӯстро такон медиҳад ва шӯълаи умедро дар дили ӯ зинда медорад: умеди бо ватан будан, бо ватан зистан!

*Оқибат,*
*Ҷилои табассуми ӯро мебинам!*
*Ба ман ҳамин кофист,*
*Дилам чун оинаи сайқалхӯрда*
*мешавад...*

Шеъри “Дарвозаи Самарқанд” аз асолати ахлоқии ин шаҳри қандманд меоварад, вале ҳушдори ахлоқии шоири ин шаҳири дар гузашта барозанда ҳар каси баномӯсро такон медиҳад:

*Аз шаҳри орзуи Муҳаммад*
*паёмбар,*
*Дарвозаҳои биҳиштӣ нопадид*
*шуд.*
*Танҳо яке бимонд*
*Аз Хоҷа Аҳрор,*
*Ин ҳам фақат ба ном.*
*Аз дарвозабон ҳам ному нишон*
*намонд,*
*Чуғде даруни рахнаи як бурҷ*
*лона кард.*
*Мехонд ин ҳуруф:*
*Даюзагар – зиёд,*
*Дарвозагар намонд.*

Шеърҳои “Тазод”, “Чорсӯ”, “Дар Регистон истодаам...”, “Эронзамин”, “Муғи афсонавӣ”, “Аломати хитоб”, “Шаби Регистон” ва чанди дигар ёдовари шаҳомати ахлоқии ин шаҳри ободу озода ва фарзандони шарафманди онанд. Рӯйи сухани шоир дар ин гуна шеърҳо, пеш аз ҳама, ба насли баорият ва меросбарони содиқи суннатҳои неки ахлоқии аҷдодист ва як навъ ҳушдор низ ҳаст.

Адаш Истад дар шинохти инсонҳо, сурату сирати онҳо низ зеҳнияти қавӣ ва хос дорад. Шеърҳои “Ба Сироҷиддини Хумӣ», “Ба наққоши Самарқандӣ Аслиддини Исо», “Ва шамс ба шумо...” чеҳраи поки инсонӣ ва ҳунарии фарҳангиёни арҷманди диёрро ба равшанӣ таҷассум намудаанд, ки ба наҳве зиндадори оини инсонинносӣ ва ёриву бародариянд.

Адаш ба тарзи худ шеър мегӯяд. Ба касе пайравӣ ҳам намекунад. Шеърҳояш тасвириву дилангезанд. Асосан шеъри озод ва нимоӣ мегӯяд. Муҳимтарин хусусияти тарзи нигориши ӯро диди таҳқиқию таҳлилӣ, андешаву мулоҳизаҳои ҳақшиносона, тафсилоту ҷузъиёти ҷараёни фикру ҳис ва ковишҳои руҳӣ ташкил медиҳад ва ин равиши ҳунарӣ омили аслии нуфузи андешаву орои шоиронаи ӯ бар зеҳнияти хонанда хоҳад буд.

**Ҷумъа ҲАМРОҲ,**
**мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, доктори илмҳои филология, профессор.**

# СОЛИ ХОНИШИ НАВ ОҒОЗ ЁФТ

Масъалаи куллан такмил додани низоми таълим дар ҳаёти имрӯзаи мо, ки торафт рӯ ба беҳбудӣ меоварад, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ба қавли роҳбари давлат Ўзбекистони нав аз остонаи мактаб оғоз меёбад.

6-уми сентябр. Субҳи содиқ бачаҳо – хурду калон ба мактаби азизашон, ки дербоз онҳоро интизор буд, шитофтанд...

– Ин манзараро дида, беихтиёр солҳои мактабхониам ба ёд омад. Солҳои мактабхонии мо ба солҳои 80-уми асри сипаригардида рост меояд. 10-15 рӯз пеш аз оғози таҳсил анҷомҳои хонишро омода мекардем. Падару модар либосу ҷиҳози мактабии моро аз назар мегузарониданд. Либосҳоямон нав набошад ҳам, шуста, дарзмол карда бо руҳи болида роҳи мактабро пеш мегирифтем. Дар як оила, ки то 6-7 нафар мактабхон дошт, либосу пойафзор ва дигар ҷиҳозҳои хонишро баҳам медиданд. Он рӯзгор дар мактабҳои деҳоти кӯҳистони мо на синфхона мерасиду на мизу парта. Дар сардии зимистон дар гирди печка ҷамъ шуда, дастҳоямонро гарм мекардем.

Ҳоло шароити имрӯзаи масканҳои таълимиро дида ҳаваси кас меояд. Имрӯз барои таҳсили хонандагон мактабҳои замонавӣ, синфхонаҳои васеъу равшан, майдончаҳои варзишӣ, хонаҳои алоҳидаи фаннӣ ва ғайра омода ҳастанд,– гуфт ҳангоми суҳбат тарғибгари масъалаҳои иҷтимоӣ ва мадании мактаби миёнаи рақами 30-юми ноҳияи Нурато Дилмурод Қӯзиев.

Аз ҳама муҳимаш, ислоҳоти таълим дар мамлакат бо ба инобат гирифтани фикри падару модар, омӯзгорон ва ҷомеаи васеъ бурда мешавад. Ҳатто дар шароити вазнини пандемия низ таҳсили хонандагон идома ёфт. Имконияти писарону духтаронро ба инобат гирифта, таълими масофавӣ ба роҳ монда шуд. Дар давраи мураккаб низ роҳбари давлат ба барпо намудани масканҳои нави таълим, аз нав таъмир намудани онҳо, дастгирии оилаҳои серфарзанд, кӯмак расонидан ба оилаҳои эҳтиёҷманд эътибори алоҳида нигаронд. Корҳои маънавию маърифатиро пурзӯр намуд, ҳамкории маҳалла ва мактабро мустаҳкам намуд.

Бино ба маълумоти Вазорати таълими халқ акнун дар ҳамаи мактабҳои таълими умумӣ барои синфҳои 1-6 дарсҳои ибтидоии фанҳои табиӣ: кимиё, география, биология ва физика ба роҳ монда мешавад. Аз оғози соли хониши нави 2021-2022 дар мактабҳо дарси фанҳои табиии номбурда барои синфҳои 1-2 ҷорӣ карда шуд.

– Занги аввалро ҷамоаи мактаби мо низ бо хушнудӣ пешвоз гирифт. Дар чорабинӣ падару модарон, фидоиёни соҳаи таълим, фаъолони маҳалла иштирок карданд. Ҳамон рӯз таҳти шиори “Дар Ўзбекистони нав озодона ва фаровон зиндагӣ кунем” дарси аввал – “Дарси Истиқлолият” гузаронда шуд. Хонандагони мактаби мо соли нави хонишро дар синфхонаҳои навтаъмир, васеъ ва равшан бо руҳияти тоза оғоз намуданд. Имсол аз мактаби мо якчанд нафар ба донишкадаву донишгоҳҳо дар асоси гранти давлатӣ ва шартномавӣ дохил шуданд, ки ин аз таълими босифат, омӯзгорони ботаҷриба ва хонандаи азхудкуниаш баланд дарак медиҳад,– мегӯяд директори мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Нурато Нурулло Солиҳов.– Боиси хурсандист, ки аксарияти дохилшудагон духтарон мебошанд, ки ин, албатта, фахри мактабу деҳаи дурдасти мо мебошад.

Дарҳақиқат, дар Ўзбекистони нав озод ва фаровон ҳаёт ба сар бурдан ба маънавият, маърифат, одобу ахлоқи ҳамида ва тарбияи хуб, таҷрибаи баланди устодони фидоӣ, ба эътибор ва ғамхории волидон ва азхудкунии дониши хонандагон вобаста аст.

Дар ҳамаи мактабҳо чун анъана ба хонандагони синфи 1-ум “Туҳфаи Президент” иборат аз анҷомҳои хониш супурда шуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-925. Адади нашр 5559, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

Нишонии мо:
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.